# ТАҚРИЗ

ба автореферати Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарстии донишҷӯён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05-03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Рушди босуръати илму техника дар ҷомеаи муосир таваҷҷуҳи соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба як қатор масъалаҳои муҳим вогузор намудааст, ки ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти кишварро тавассути шомил шудан ба фазои муосири илмию фарҳангӣ, такмилу ташкили таълими мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат, рушди салоҳиятнокии мутахассисон дар ҷомеа ва муаррифи арзишҳои фарҳанги миллиро метавон намунаи чунин масъалаҳо шуморид.

Мубрамии таҳқиқот аз он бармеояд, ки фарҳанги эстетикӣ имрӯз яке аз рукнҳои муҳимми фарҳанги миллӣ ва ташаккули он дар ниҳоди донишҷӯён вазифаи муҳимми муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ дониста мешавад.

Таълими фанни эстетика дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, барномаҳои фарҳангию фароғатии хона ва қасрҳои фарҳанг, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, марказҳои ҷавонон дар шароити имрӯза яке аз воситаҳои муҳимми тарбияи эстетикии насли наврасс бо ҳисоб меравад.

Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯзҳо фарҳанги эстетикӣ ҳамчун василаи муоширати байналмилалӣ, муаррификунандаи фарҳангу арзишҳои миллатҳои гуногун ба олами воқеӣ ва маҷозӣ эътироф шудааст. Омилҳои зикршуда сабаби афзоиши шумораи иштирокчиёни озмунҳои ҷумҳуриявии “Тоҷикистон – Ватани азизи ман”, иштирокчиёни маҳфилҳои адабӣ ва санъат, донандагони хуби арзишҳои эстетикӣ, омӯзандагони забони тоҷикӣ гардида, ҳаҷми қабулу интиқоли иттилоот бо истифода аз ин забон дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсоният назаррас аст. Бо ҳамин мақсад, мутахассисони ояндаро зарур аст, ки барои рақобатпазир ва ҷавобгӯй будан ба талаботҳои бозори меҳнат, бояд донандаи арзишҳои зебоипарастӣ ҳам бошанд. Барои иҷрои босифати фаъолияти касбии худ мутахассисон, махсусан, кормандони соҳаи техникӣ, мувофиқи стандартҳои мавҷудаи таҳсилот, фаъолияти

касбиашонро на танҳо оид ба ихтисос, балки дар сарфаҳм рафтан ба ҷиҳати арзишҳои эстетикӣ, донистани адабиёт ва санъат ба роҳ монанд.

Чи тавре ки аз автореферати диссертатсия маълум гардид, паҳлуҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот дар асарҳои бунёдӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби бисёр муҳаққиқони зиёди сатҳи ҷаҳонӣ мавриди таҳқиқи амику дақиқ қарор гирифтааст. Атрофи масъалаи фарҳанги эстетикӣ М.А.Ариарский, И.Н.Ерошенков, М.А.Верб, Л.Н.Гумелев, М.Дробижева, М.С. Каган, В.А.Разумный, М. Лутфуллозода, Х.Буйдоқов, И. Каримова, М. Саидов, Д. Латифзода, С.Раҳимов, А.Саидов, С.Зоҳидова, Р.Абдуллоева, А. Нуров, Н. ва дигар олимони соҳаҳои илмҳои гуманитарӣ, махсусан, назария, аз он ҷумла, назария , ташкил ва методикаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ корҳои зиёди илмӣ анҷом ёфтаанд.

Рисолаи илмӣ-тадқиқотии Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар мавзуи "Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг-шарти мукаммал гардонидании ташаккули фарҳанги зебоипарстии донишҷӯён" бевосита ба таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои эстетика ва тарбияи зебоипарастӣ дар шароити ҳозира, ки хеле заруранд, бахшида шуда, асосҳои назариявӣ ва методикаи ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯёни коллеҷро муайян намудааст. Он дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқоти иҷтимоӣ-педагогӣ анҷом ёфта, дар рисола хулоса ва пешниҳодоти барои назария, методика ва амалия хеле муҳим манзур гардидаанд.

Саҳми бевоситаи З.Ҷ. Усмонов дар заминаи таҳлилу баррасии мушкилот ва камбудиҳои системаи тарбияи эстетикӣ аз он иборат аст, ки дар рисола:

- асосҳои педагогии ҳамкории функсионалии коллеҷҳо ва марказҳои фарҳангӣ – тарбиявӣ дар доираи шаҳрҳои хурд зимни муносибати маҷмуӣ ба кори тарбиявӣ-эстетикӣ ҳалли худро ёфтааст.

- ташкил намудани тарзҳои ҳамоҳангсозии ниҳодҳои тарбиявӣ зебоипарастӣ ҷиҳати рушди эстетикии муҳассилин бо дарназардошти баҳисобгирии маълумот доир ба муҳити эстетикии ҷавонон, дараҷаи фаъолнокии бадеӣ-эҷодии онҳо ва ташкили ин раванд пешгӯӣ шудааст;

- номуттасилии фаъолияти якҷояи ин ниҳодҳо дар кори берунаудиторӣ, ки дар натиҷаи такяи нокифояи коллеҷ ба фаъолияти муассисаҳои фарҳанг оид ташаккули зебоипарастӣ амал мекунанд, бартараф гардиданд; ҷузъҳои асосӣ, самтҳо ва нишондиҳандаҳо (маърифати эстетикӣ, ҷиҳати баҳодиҳии ҳиссӣ ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикӣ) мушаххас карда шуданд;

- шарситҳои педагогии ҳамкории функсионалии коллеҷ бо муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ муайян гардидаанд;

- ба дараҷаи зарурӣ ба эътибор нагирифтани махсусиятҳои марказҳои фарҳангию тарбиявӣ дар ҳамкорӣ доир ба тарбияи эстетикии ҷавонон, суст гардидани ҳамоҳангсозии нерӯи тарбиявии муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳангӣ низ муайян карда шудааст.

Ба назари мо, ин паҳлуи проблема ва ҳалли он арзиши рисолаи номбурдаро барои асосҳои назариявӣ ва технологияҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ боз ҳам дучанд мегардонад ва сазовори баҳои арзанда мебошад.

Таҳқиқу таҳлили амиқ ва мушаххаси уновнҷӯ Усмонов З.Ҷ. дар муайян намудани роҳҳои самараноки ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯёни коллеҷҳо сарчашмаи илмӣ ва методӣ шуда метавонад. Бо пешрафти босуръати илму фарҳанг, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълимӣ таҳқиқоти илмии мазкурро наметавон ниҳояти кори илмӣ-таҳқиқотӣ шуморид. Муҳаққиқон, унвонҷуён ва докторантон метавонанд, минбаъд диссертатсияи мазкурро ҳангоми дар шакли монография чоп шудан, ҳамчун роҳнамо ва сарчашмаи илмӣ истифода намоянд.

Аз авторефререти диссертатсияи Усмонов З.Ҷ. маълум мегардад, ки аппарти илмии он ба талаботи рисолаҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Махсусан, ба мо барнома ва методикаи таҳқиқотӣ, ки дар автореферат оварда шудааст, писанд омад. Он аз ҷониби кормандони марказҳои илмӣ-методии фарҳанг ва эҷодиёти халқ мавриди истифода қарор гирифта метавонад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисолаи диссертатсионӣ барои тарбияи эстетикии донишҷӯёни коллеҷ ва кормандони соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ барои такмили кор дар ин самт хеле муҳим аст.

Бовуҷуди ин, чи тавре ки аз омӯзиши автореферат маълум гардид, дар он дар баробари комёбиҳо ва бартариҳои таҳқиқот дар ҷо ҷо ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дар қисмати назариявии кор ба чашм мерасанд. Аммо, хатоиҳои ҷойдошта арзиши илмии диссертатсияи мазкурро коста намегардонад, аз ҳамин лиҳоз, онро метавон кори баанҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ шуморид.

Хулоса, диссертатсияи Усмонов З.Ҷ. дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммал гардонии ташаккули фарҳанг зебоипарастии донишҷӯён» ки, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05.- Назария, методика ва

ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.03. - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05.- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05-03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳоит хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзод Раҷабова Ф.О.

**Имзои Раҷабова Ф.О.- ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода, Юсупова Б.Ғ.
“01” апрели соли 2025

**Нишонӣ**: 734019 ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6
Тел.: (+99237)2325000, 2328730 E-mail: ddzt@ddzt.tj